*Ба пешвози 100-солагии рӯзи таваллуди В.И. Ленин*

*«Маориф ва маданият»*,
№ 26 (4356), 3 *марти* 1970, *с.* 3.

## Ленин ва Толстой

*(Оид ба аҳамияти назариявии масъала)*

Дар тамоми арзи асри бистум доир ба ин масъала суханҳои зиёде гуфта шудаанд, мақолаву асарҳои сершуморе ба миён омадаанд. Вале азбаски ин масъала, яъне, муносибатҳои доҳии аъзам ба нависандаи бузург ба ҷуз аҳамияти бағоят муҳимми сиёсиву таърихиаш боз қимати фавқулодда калони назариявӣ дорад, дар арафаи ҷашни пуршарафи доҳӣ аз он баҳову муносибатҳо ёдовар шудан, тариқи тадқиқоти худро бори дигар дар партави услуби ленинӣ санҷидан аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

Доир ба осори бадеӣ ва шахсияти Лев Николаевич Толстой ҳануз дар давраи зиндагии ӯ баҳоҳои мухталиф дода мешуданд. Бозори сухан дар атрофи Толстой махсусан баъди шикасти револютсияи якуми буржуазӣ-демократии рус, алалхусус ба муносибати 90-солагии рӯзи таваллуди нависанда хеле гарм гардид. Ҳатто адибону мунаққидони «бетараф» ҳам афкори маҷҳули худро дар паноҳи ин симои бузург тарғиб менамуданд. Асарҳои бадеӣ ва мақолаҳои Л.Н. Толстойро мувофиқи ҷаҳонбинию ақидаи синфии худ таҳлилу тадқиқ карда, нависандаро яке «револютсионер» мешумурд ва дигаре душмани он ба қалам медод. Ҳатто Г.В. Плеханов барин марксисти барҷаста, ки доир ба Толстой як қатор мақолаҳо навиштааст, аз ӯҳдаи таҳлили марксистонаи эҷодиёт ва афкори ин марди бузург пурра баромада натавонист.

Азбаски Г.В. Плеханов масъалаи дар револютсияи якуми рус қувваи асосии ҳаракатдиҳанда будани деҳқононро ба миён гузошта, дар ин роҳ ба хато роҳ дода буд, моҳияти аслии афкори Л.Н. Толстой, роли деҳқонон дар эҷодиёти ӯ ва сабабҳои маҳдудияти ғоявии нависандаро дуруст кушода натавонист.

Дар чунин вазъият як силсилаи мақолаҳои Владимир Илйич Ленин ба майдон омаданд, ки ҳамаи онҳо дар арзи солҳои 1908-1911 таълиф ёфтаанд.

В.И. Ленин мақолаи нахустини худро, ки он «Лев Толстой ҳамчун оинаи револютсияи рус» ном дорад, соли 1905 ба муносибати 80-солагии рӯзи таваллуди нависанда эҷод намуд. Ленин бо ҷасорат ва хираду заковат, аввалин бор дар таърих шахсияти мураккаб ва нозуки Лев Толстой ва печ дар печии эҷодиёти ӯро кушода тавонист. Ленин бо далелҳои муътамади назариявӣ ва таърихӣ-сиёсӣ комёбиҳои наҷиби адабӣ ва нуқсонҳои ғоявии Толстойро нишон дод ва исбот кард, ки эҷодиёти ин адиб бо тамоми муҳташамӣ ва мураккабияш оинаи ҳақиқии револютсияи якуми буржуазӣ-демократии рус мебошад.

«Зиддиятҳои дар асарҳо, ақидаҳо, таълимотҳо ва дар мактаби Толстой будагӣ, - менависад Ленин, - ҳақиқатан ҳам беандоза калонанд. Аз як тараф, санъаткори гениалӣ, ки на танҳо манзараҳои ҳаёти русро беҳамто тасвир кардааст, балки инчунин асарҳои аълосифати адабиёти ҷаҳонро эҷод кардааст. Аз тарафи дигар - помешики дар роҳи Исо дарвешикунанда. Аз як тараф, эътирози ба таври шоёни диққат пурзӯр, ростқавлона ва самимӣ бар муқобили дурӯғ ва сохтакории ҷамъиятӣ, аз тарафи дигар, «толстойчӣ», яъне, одами беиродаи фартути зиёндоре, ки интеллигенти рус ном дорад ва дар пеши мардум мушт бар синаи худ зада мегӯяд, ки: «ман одами ганда, ман қабеҳ ҳастам, аммо бо худтакмилдиҳии маънавӣ машғулам; ман дигар гӯшт намехӯрам ва акнун бо котлетҳои аз биринҷ пухташуда рӯз мегузаронам». Аз як тараф, танқиди

бераҳмонаи истисмори капиталистӣ, фош кардани ҷабру зулми ҳукумат, фош кардани комедияи суд ва усули идоракунии давлат, ошкор кардани тамоми беху буни зиддиятҳои байни афзоиши боигарию комёбиҳои тамаддун ва афзоиши қашшокӣ, ҷаҳолату азобу уқубати омаҳои коргарон: аз тарафи дигар, - тарғиботи қаландаронаи бо зӯрӣ «ба шарр муқобилатнакунӣ» (Асарҳо, ҷ. 15, тоҷикӣ, саҳ. 201).

Албатта, чунин ҷаҳонбинии чигил, яъне, ҳам пешқадам ва ҳам реаксионии Толстой маҳсули шароити таърихии Россияи нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX мебошад.

В.И. Ленин дар мақолаи номбаршуда, ки он ягона асари дар замони барҳаётии Толстой таълифкардаи доҳист, шахсияти Толстойро ҷамъбаст намуда, ба тариқи хулоса мегӯяд, ки «Толстой нафрати ҷӯшзада, майлу кӯшиши том ба сӯи рӯзи беҳтар, хоҳиши наҷот ёфтан аз банди замони гузашта, - ва дар баробари ҳамин хомии орзуву хаёл, бетарбиягии сиёсӣ, нармдилии револютсиониро акс кунонидааст» (ҳамон ҷо, саҳ. 207).

Соли 1910 Ленин доир ба Толстой, таълимоти ӯ ва дигар масъалаҳои ба эҷодиёти ӯ вобаста 5 мақола менависад, ки яке аз онҳо Л.Н. Толстой ном дошта, баъди вафоти нависанда ҳамчун таъзиянома таълиф ёфтааст.

Дар ин мақола Владимир Илйич дар хусуси аҳамияти эҷодиёти Толстой сухан ронда чунин менависад: «Аҳамияти ҷаҳонии ӯ ҳамчун санъаткор, шӯҳрати ҷаҳонии ӯ ҳамчун мутафаккир ва тарғиботчӣ, ҳам ину ҳам он, аҳамияти ҷаҳонии револютсияи русро ба таври худ акс мекунонад» (Асарҳо, ҷилди 16, нашри тоҷикӣ, саҳ. 350).

Ленин ҳамчун марксисти суботкор асарҳои гениалии Толстой, идеалҳои наҷибонаи ӯро тавсиф карда, дар айни замон аз нишон додани камбудиҳои ғоявӣ ва ақидаҳои реакционии вай як лаҳза даст

намекашад. Ӯ гаштаю баргашта дуҷиҳата ва дутарафа будани эҷодиёти ӯро таъкид кардааст.

Ленин сабабҳои ихтилофоти афкори Толстойро, ки онро ҳанӯз дар мақолаи нахустинаш ба миён гузошта буд, бори дигар бо қатъият таъкид мекунад.

«Зиддиятҳои ақидаҳои Толстой, - мегӯяд ӯ, - зиддиятҳои на фақат фикри шахсии ӯ мебошанд, балки инъикоси он шароитҳои бағоят мураккаби зиддиятнок, таъсирҳои сотсиалӣ, анъанаҳои таърихие мебошанд, ки онҳо психологияи синфҳои гуногун ва табақаҳои гуногуни ҷамъияти русро дар давраи баъд аз ислоҳотӣ, вале пешазреволютсионӣ муайян мекарданд (ҳамон ҷо, саҳ. 353).

В.И. Ленин дар мақолаи дигари худ - «Толстой ва муборизаи пролетарӣ» боз ҳам доир ба ғояҳои эҷодии Толстой тавaққуф карда, дар қатори бузургӣ боз заифии назария ва ҷаҳонбинии нависандаро қайд менамояд. Лев Толстой мувофиқи гуфтаи доҳӣ тамоми зиддият ва қабоҳати сохти Россияи подшоҳиро ҷасурона фош мекунад, вале ӯ масъалаи асосӣ - қувваи барҳамзанандаи ҳамагуна ҷабру зулм ва разолати иҷтимоӣ, яъне, «гӯркови капитализм» будани пролетариатро намефаҳмад, ки ин як ҷиҳати равшани маҳдудияти эҷодиёт ва ғояи Толстой мебошад.

Мақолаи охирини Ленин, ки бевосита ба Толстой бахшида шудааст, «Л.Н. Толстой ва замони ӯ» ном дошта, дар соли 1911 таълиф ёфтааст. Владимир Илйич дар ин мақола роҳи эҷодии нависандаро вобаста бо замони зиндагии ӯ аз назар мегузаронад.

В.И. Ленин дар сӯҳбат бо Максим Горький ба эҷодиёти Толстой баҳои баланд дода гуфта буд: «Дар Европа киро паҳлӯи ӯ гузоштан мумкин аст?». Боз худи Ленин ба ин саволаш ҷавоб медиҳад, ки: «ҳеҷ касро». Ленин бо эътимоди комил исбот мекунад, ки Толстой бо тасвири реалии зиндагии халқи рус маданияти умумиҷаҳониро боз қадаме ба пеш бурдааст.

Дар баробари ин, В.И. Ленин тамоми норасоиҳои таълимоти Толстойро мекушояд, ӯ нишон медиҳад, ки Толстой сабаби ҳама гуна разолату қабоҳат будани мутлақияти подшоҳиро медонист, аммо тарзу тариқи муборизаро ёфта натавониста, роҳи сарбастаи «ахлоқӣ»-ро тарғиб менамуд.

Толстой душмани заминдории хусусист. Мувофиқи ақидаи ӯ соҳиби замин он шахсест, ки дар замин кор мекунад. Лекин ӯ бо кадом тарз барҳам додани мулкияти хусусии заминдориро нишон дода наметавонад ва боз ақидаи барғалати «худ такмилдиҳии ахлоқӣ»-ро пеш ронда ба вазири ҷаллоди Николай II - Столипин бо чашми умед мактуб менависад. Толстой тарафдори аз давлат ҷудо кардани дину калисост, вале ӯ дар баробари ин такмил додани «муҳаббати умумиинсонӣ»-ро тарғиб менамояд. Толстой синфи коргарро намешиносад: на классикони марксизмро чашми дидан дорад, на душманони онро: - дар назари ӯ ҳар ду ҳам «вулгаризатор», «ревизионист» мебошад.

Ленин рахнаҳои таълимоти Толстойро таъкид карда мегӯяд, ки «дар рӯзҳои мо ҳар як кӯшиши идеализатсия кардани таълимоти Толстой, ҳар як кӯшиши ба дурустӣ баровардан ё мулоимтар кардани «муқобилатнакунии» он, ба «рӯҳ» мурочиаткуниҳои он, ба «худтакмилдиҳии ахлоқӣ» даъваткуниҳои он, доктринаи «виҷдон» ва «муҳаббат»-и умумии он, парҳезгорӣ ва квиетизмро тарғиб кардани он ва ҳоказо зарари бевосита ва хеле калон мерасонад (Асарҳо, ҷилди 17, нашри тоҷикӣ, саҳ. 38).

Бояд гуфт, ки меҳвари асосии ҳамаи мақолаҳои ба Толстой бахшидаи Ленинро масъалаи Толстой ва револютсияи рус ташкил медиҳад, зеро Владимир Илйич ҳамеша ва ҳама гуна ҳодисоти хурду калон ва ҳатто чизҳои ҷузъитаринро алоқамандона бо масъалаи револютсияи сотсиалистӣ аз назар мегузаронад.

Мақолаҳои доир ба Лев Николевич Толстой эҷодкардаи В. И. Ленин аҳамияти беандоза муҳимми чӣ амалӣ ва чӣ

илмӣ-назариявиро молик мебошанд. Владимир Илйич дар он замоне, ки идеологҳои сершумори гунонгунмарому идея ба моҳияти аслии эҷодиёти Толстой ё сарфаҳм намерафтанд, ё барқасд худро аз моҳияти таълимоти ӯ ба канор мегирифтанд, дар як силсилаи мақолаҳояш асарҳои бадеии ин нависандаро мувофиқи шароит ва талаботи давру замон ба таври марксистӣ таҳлил намуда, моҳияти онҳоро кушода аст. Танҳо Ленин ба синфи коргару деҳқонон моҳияти аслии эҷодиёти Толстойро фаҳмонда тавонист, то ки дар мубориза ба муқобили ҷабру зулм бар зидди мутлақияти подшоҳӣ аз осори адабии Толстой чӣ чизро истифода кардан мумкин асту кадом назарияи ӯ барҳазар шудан зарур мебошад. Ба тарзи дигар гӯем, ӯ нахустин бор дар таърих ҳақиқати олами пурасрори эҷодиёти Толстойро кашф намуд.

Аз тарафи дигар, мақолаҳои Ленин ба воқеият вобаста будани эҷодиёт, сабабҳои объективӣ доштани адабиёту санъатро равшану возеҳ нишон медиҳанд; ин мақолаҳо ба тарзи барҷаста барои мо ҳамчун маҳаки назарияи дониши материалистии ленинӣ хизмат мекунанд.

Инчунин, усули таҳқиқу таҳлили Ленин барои муҳаққиқони тамоми соҳаҳои илму дониш ҳамчун чароғи маърифат хизмат мекунанд, зеро маҳз дар асоси услуби ленинии тадқиқот мо осори бузургони гузаштаи худро бе каму кост меомӯзем: комёбиҳои ононро ошкор намуда, аз нуқсонҳои ғоявияшон чашм намепӯшем, балки ба омилҳои таърихӣ ва сабабҳои реалии он камбудиҳо ҷиддан назар мекунем.

Ҳамеша тадқиқ ва танқиди объективонаи Ленинро пеши назар доштан, аз чароғи усули ленинии кор роҳи худро мудом равшан кардан - аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як муҳаққиқи пешқадам ҳисоб меёбад.

**Р. МУСУЛМОНҚУЛОВ,**
**номзади илмҳои филологӣ**